# 'Панҷ маъмури додситонии гаравгон дар Хоруғ озод шудаанд'

Ба рӯз шуда :Шанбе, 28 Июл соли 2012 - 11:04

Баргрефта шуда аз веб сайт Би-би-сӣ : Твасот Едораҳ нашрот Симоӣ Шуғнон

28 Июл 2012



Маъмурони додситонӣ дар шаби оғози амалиёти нерӯҳои давлатӣ гаравгон гирифта шудаанд

Додситонии кулли Тоҷикистон гуфтааст, ки панҷ тан аз кормандони ин ниҳод, ки аз сӯйи афроди мусаллаҳ дар Бадахшон гаравгон гирифта шуда буданд ,озод шудаанд.

Хабаргузории расмии "Ховар" аз қавли манобеъи додситонии кул дар ин бора иттилоъ дода, вале тафсилоти чигунагии озод шудани онҳоро ироа накардааст.

Дар иттилоъияе, ки Додситонии кулли Тоҷикистон пештар интишор дод, омада буд ,ки панҷ тан аз маъмурони ин ниҳод аз сӯйи афроди мусаллаҳи мухолифи давлат дар шаҳри Хоруғ, маркази устони Бадахшон, гаравгон гирифта шудаанд.

Ба гуфтаи манобеъи додситонӣ, ин ҳодиса шаби 24 июл, тақрибан дар соъати ,3:30 қабл аз оғози амалиёти нерӯҳои давлатӣ дар шаҳри Хоруғ иттифоқ уфтодааст .Аммо замони озодии маъмурони

гаравгоншуда ва ин ки онҳо таҳти чи шароите озод шудаанд, мушаххас нест.

"Сипари зинда"

Дар иттилоъияи муфассале, ки Додситонии кулли Тоҷикистон рӯзи шанбеи 28 июл интишор дод, омадааст, ки се рӯз боз дар шаҳри Хоруғ оташбас идома дорад.

Дар ин муддат ҳарчанд мақомоти интизомӣ аз афроди мусаллаҳ тақозои супурдани аслиҳаро кардаанд, вале ин афрод "шартҳои оташбасро вайрон намуда" ва шаби 27 июл ба мақарри нерӯҳои интизомӣ ҳамла кардаанд, ки дар натиҷа як нафар захмӣ шудааст.

Тибқи иддаъои мақомоти додситонӣ, афроди мусаллаҳ дар Хоруғ "барои ҳимояи худ аз занон ва мӯйсафедон ҳамчун сипари зинда истифода мекунанд, ки ин амр кори мақомоти интизомиро барои дастгир кардани онҳо душвор гардондааст".

Дар айни ҳол, гуфта мешавад, ки макони зисти ду гурӯҳи мусаллаҳ ба раҳбарии Маҳмадбоқиров ва Имомназаров ва шумори зиёде аз аъзои онҳо ва ҳамчунин қисме аз аъзои гурӯҳи вобаста ба Айёмбеков аз ҷониби нерӯҳои давлатӣ "безарар" гардонда шудаанд.

Дар маҷмӯъ, ба гуфтаи Додситонии кулли Тоҷикистон, 30 нафар аз аъзои гурӯҳҳои мусаллаҳ "безарар (кушта)" шудаанд, 36 нафар ҳам захмӣ ва панҷ табаъаи афғон ҳам боздошт шудаанд.

Мақомоти додситонӣ омори талафот дар миёни нерӯҳои давлатӣ дар амалиёти Хоруғро ҳамакнун 17 нафар ва захмиёнро 40 нафар эълом кардаанд. Пештар онҳо аз кушта шудани 12 нерӯи давлатӣ ва 30 шӯришӣ хабар дода буданд.

Ба гуфтаи мақомот, танҳо як фарди ғайринизомӣ, марди 58-солае, ки дар ҳамсоягии Имомназар Имомназаров, яке аз раҳбарони шӯришиёни Хоруғ, зиндагӣ мекард, кушта шудааст.

Ин дар ҳолест, ки манобеъи маҳаллӣ шумори талафот дар миёни ғайринизомиёнро бамаротиб бештар аз арқоми расмӣ медонанд ва мегӯянд, ки бештари онҳо тавассути тактирандозҳои вобаста ба нерӯҳои давлатӣ кушта шудаанд, ҳарчанд таъйиди ин хабар душвор аст.

Додситонӣ ибрози умедворӣ карда, ки амалиёт дар Бадахшон базудӣ анҷом хоҳад шуд, вале нагуфта, ки нерӯҳои давлатӣ кай Хоруғро тарк мекунанд. Вале давлат боздошти афроди мазнун дар қатли женерол Назаровро қотеъона пайгирӣ хоҳад кард.

Дар ҳамин ҳол, ба гуфтаи шоҳидони айнӣ, ки бо Би-би-сӣ тамос гирифтанд ,комюнҳо ва зиреҳпӯшҳои низомӣ ҳамчунон ба самти шаҳри Хоруғ дар ҳаракат ҳастанд.

Манобеъи маҳаллӣ ҳамчунин мегӯянд, ки рӯзи шанбе чархболҳо бар фарози шаҳри Хоруғ дубора ба парвоз даромадаанд ва гӯё дар ду маҳал, дар Шоҳдара, ки зодгоҳи Толиб Айёмбеков, ва Бойня, яке аз маҳаллоти шаҳри Хоруғ, чатрбозон фурӯд омадаанд.

"Аслиҳаи пинҳон"

Додситонии кулли Тоҷикистон дар иттилоъияи худ тафсилоти бештаре аз ҳодисаи қатли Абдулло Назаров, раиси бахши амният дар Бадахшон, дар рӯзи 21 июл интишор додааст.

Тибқи ин иттилоъия, як гурӯҳи мусаллаҳ, ки иборат аз 15-20 нафар буда ва" аъзои гурӯҳи ҷинояткори Толибек Айёмбеков" хонда мешаванд, рӯзи 21 июл, соъати 17:30 дар маҳаллаи Наводаки шаҳри Хоруғ ба худрави Абдулло Назаров ҳамла кардааст.

Ин афрод бо "расондани ҷароҳатҳои зиёд дар қисми косахонаи сар ва қафаси сина, ханҷар задан ба дили ӯ ба таври ваҳшиёна" ӯро ба қатл расондаанд ва се маъмури амниятӣ ва як ронандаро лату кӯб кардаанд. Ҳамчунин, онҳо се адад аслиҳаро низ бо худ бурдаанд.

Ба гуфтаи мақомҳои додситонӣ, қатли Абдулло Назаров дар пайи тавқифи як комюни ҳомили маводди қочоқии танбоку дар шаҳри Кӯлоб дар моҳи июни гузашта, ки ба Толиб Айёмбеков мутаъаллиқ дониста шуда, тавассути афроди вобаста ба ӯ сурат гирифтааст.

Додситонӣ мегӯяд гурӯҳҳои вобаста ба чаҳор тан аз фармондеҳони собиқи мухолифон, Толиббек Айёмбеков, Маҳмадбоқир Маҳмадбоқиров, Имомназар Имомназаров ва Ёдгор Маҳмадасламов, ки пас аз ҷанги дохилии солҳои 1992-97 бахше аз аслиҳаи худро ба давлат супурда ва "қисмати дигареро пинҳон карда" буданд, дар ин ҳодиса даст доранд.

Ин дар ҳолест, ки ду тан аз ин афрод, Айёмбеков ва Маҳмадбоқиров, баъд аз анҷоми ҷанги дохилӣ ба нерӯҳои давлатӣ пайваста ва дар сохторҳои низомию интизомӣ фаъъолият мекарданд. Пас ин суол матраҳ мешавад, ки чаро ин афрод то ба ҳол боздошт ва муҷозот нашудаанд?

Додситонӣ мегӯяд, ки ин "чаҳор гурӯҳи ҷинояткор" дар солҳои 2000 то 2012 ҷавонони маҳаллиро дар атрофи худ ҷамъ карда ва ба ҷароими сангине, назири роҳзаниву одамкушӣ, ба ҳам задани назми умумӣ, қочоқи маҳсулоти танбоку ,муқовимати мусаллаҳона бо мақомоти давлатӣ ва саркашӣ аз пардохти молиёт, даст задаанд.

Дар маҷмӯъ, ин афрод ба иртикоби 20 ҷурм муттаҳам шудаанд, вале ба гуфтаи мақомот бисёре аз ҷароиме, ки онҳо муртакиб шудаанд, аслан сабт нашудааст, зеро мардум аз онон метарсиданд.

Барои таҳқиқи қатли женерол Абдулло Назаров ва ҷароиме, ки ба гуфтаи давлат ,гурӯҳҳои мусаллаҳи мухолифи давлат дар устони Бадахшон аз соли 2006 ба ин сӯ муртакиб шудаанд, гурӯҳе барои бозрасӣ ва таҳқиқ таъсис ёфтааст.

"Лату кӯби қозӣ ва додситонҳо"

Додситонии Тоҷикистон гурӯҳҳои шӯришӣ дар Хоруғро ба муъомила ва қочоқи маводди мухаддир, сангҳои қиматӣ ва ҳатто "хариду фурӯши" (қочоқи) одамон ва ё ҳимоят аз афроде, ки дар чунин ҷароиме даст доранд, муттаҳам кардааст.

Дар иттилоъияи додситонӣ омадааст: "23 июли соли 2006 байни гурӯҳҳои Маҳмадбокиров ва Айёмбеков дар кӯчаи марказии шаҳри Хоруғ тирпаронӣ сурат мегирад, ки дар рафти он шаҳрванд Додихудоева М.А. захмдор шуда, дар ҷойи ҳодиса ба ҳалокат мерасад".

Аз ин иттилоъия чунин бармеояд, ки дар моҳи августи соли 2006 пулис талош кардааст оқои Маҳмадбоқировро боздошт кунад, вале ӯ ба ҳамроҳии гурӯҳҳои дигар ба кормандони пулис муқовимати мусаллаҳона нишон додааст.

Ҳамчунин, додситонӣ аз ҳамлаи гурӯҳе иборат аз 30-35 нафар аз афроди мусаллаҳ ба маъмурони додситонӣ дар ноҳияи Роштқалъа дар моҳи марти соли 2008 хабар додааст. Он замон маъмурони додситонӣ дар ин маҳал ба бозрасии "корхонаҳои таҳти сарпарастии Айёмбеков, ки андоз (молиёт) намесупориданд" машғул будаанд.

Додситонӣ гурӯҳҳои вобаста ба Айёмбековро дар ҳамла ба додгоҳ ва латӯ кӯби қозию додрасҳо ва кормандони додситонии маҳаллӣ дар Хоруғ дар моҳи июли соли 2011 низ муттаҳам кардааст:

"Садомшоев Э. рӯзи 10 июли соли 2011... гурӯҳи ҷавонон иборат аз 40-45 нафар ҷамъ намуда, ба бинои додгоҳи вилоят ҳуҷум намуда, ду муовини раиси додгоҳ ва се додрасро лату кӯб намудаанд... Аз ин ҷо баромада ба назди бинои додситонии вилоят рафта, додситони вилоят ва чаҳор нафар кормандони онро лату кӯб менамоянд".

Ба навиштаи мақомҳои додситонии Тоҷикистон, ин амр аз зиндонӣ шудан ва маҳкумияти оқои Садомшоев монеъ шудааст. Додситонӣ мегӯяд, ки омилони чаҳор мавриди қочоқи занону духтарон дар вилоят "бо таъсири ин гурӯҳҳо" то ба ҳол ошкор карда нашудаанд. Ин дар ҳолест, ки се тан аз онҳо, аз ҷумла як духтари ноболиғ, то кунун нопадид будаанд.

## Дархости ниҳодҳои маданӣ барои таваққуфи амалиёт дар Хоруғ

Ба рӯз шуда :Шанбе, 28 Июл соли 2012 - 15:37



Бархе аз мардуми маҳаллӣ дар рӯзи амалиёт хиёбонҳои шаҳрро бо дарахтони бурида масдуд кардаанд

Эътилофе аз ниҳодҳои ҷомеъаи мадании Тоҷикистон ва созмонҳои мудофеъи ҳуқуқи башари байналмилалӣ бо судури баёнияе аз давлати ин кишвар хостаанд, ки амалиёти низомӣ дар устони Бадахшонро мутаваққиф кунад.

Дар ин баёния, ки баъд аз зуҳри рӯзи шанбеи 28 июл мунташир шуд, омадааст, ки ниҳодҳои ҷомеъаи мадании Тоҷикистон ва

созмонҳои мудофеъи ҳуқуқи башари байналмилалӣ аз идомаи буҳрон дар шаҳри Хоруғ амиқан нигаронанд.

Аз сӯйи дигар, гурӯҳе аз фарҳангиёну рӯзноманигорони тоҷик, аз ҷумла Муӯъмин Қаноъат, шоъири саршинос, ва Акбаршоҳ Искандаров, раиси собиқи порлумон ,рӯзноманигорон Толибшоҳи Сайидзода ва Раҳматкарими Давлат низ бо пахши баёнияе хостори поён додан ба амалиёт дар Хоруғ шудаанд.

Дар баёнияи онҳо омадааст: "Ҳодисаҳои чанд рӯзи охир маълум кард, ки бо роҳи истифода аз артиш ва хушунат ин кор имконпазир нест. Идомаи хушунатҳо метавонад боъиси густариш пайдо намудани бенизомӣ ва эътирозҳо дар манотиқи дигар шавад".

Онҳо ҳамчунин меафзоянд: "Ба назари мо роҳи аслии берун рафтан аз ин вазъият ва ҳалли буҳрони пешомада бозгашт ба масири мусолиматомез ва хориҷ намудани воҳидҳои низомӣ аз ҳудуди Бадахшон аст".

Ин дархостҳо дар ҳоле мунташир шуда, ки гузоришҳои расида аз маркази устони Бадахшон ҳокист, ки рӯзи шанбе дар бархе аз маҳаллаи "Селхозтехника"-и шаҳри Хоруғ садои тирандозӣ шунида шудааст, ҳарчанд манобеъи расмӣ ин хабарро ҳануз таъйид накардаанд.

Созмонҳои мудофеъи ҳуқуқи башар дар баёнияи худ зимни интиқод аз давлати Тоҷикистон навиштаанд, ки ҳарчанд амалиёти нерӯҳои давлатӣ аз қабл тарҳрезӣ шуда буд, вале мақомоти маҳаллӣ мардумро дар Хоруғ дар бораи имкони истифода аз аслиҳа огоҳ накардаанд.

Дар натиҷа, зиндагии садҳо нафар аз занону кӯдакон ва солмандон дар рӯзи оғози амалиёти нерӯҳои давлатӣ алайҳи гурӯҳҳои мухолифи давлат дар маърази хатар қарор гирифтааст.

"Ҷозибаи туристӣ"

Дар ин баёния омадааст, ки аз замони оғози амалиёти низомӣ дар Хоруғ иртиботи телефунӣ бо минтақа қатъ шуда, роҳҳои заминӣ ва ҳавоӣ, аз ҷумла барои ироаи кумакҳои башардӯстона, баста шудаанд. Дар бархе аз маҳаллот нерӯи барқ аслан вуҷуд надорад.



Дар амалиёти Хоруғ аз зиреҳпӯшҳо истифода шудааст

Тайи чанд рӯз аз маҳдудияти дастрасӣ ба сойти хабаргузории ASIA-Plus ва Ютюб дар Тоҷикистон гузориш шудааст. Фароҳамгарони интернет гуфтаанд, ки дар бораи маҳдуд кардани ин сойтҳо пас аз нашри видиюи муътаризони Хоруғ аз мақомот дастури шифоҳӣ гирифтаанд.

Дар баёнияи созмонҳои ҷомеъаи маданӣ ва мудофеъи ҳуқуқи башар ҳамчунин омадааст, ки вилояти кӯҳистонии Бадахшон аз ҷозибаҳои аслӣ барои ҷаҳонгардони хориҷӣ маҳсуб мешуд, ки акнун роҳи онҳо баста шуда ва сарнавишти бархе аз гардишгарон норӯшан аст.

Ин дар ҳолест, ки Вазорати хориҷаи Тоҷикистон шоми рӯзи шанбе бо интишори баёнияе хабар дод, ки дар ҷараёни амалиёти Хоруӯ ҳеч шаҳрванди хориҷӣ осеб надидааст.

Ин вазорат мегӯяд гардишгрони хориҷӣ ва кормандони созмонҳои байналмилалӣ, ки мехостанд Хоруғро тарк кунанд, бо кумаки мақомоти давлатӣ ба шаҳри Душанбе интиқол дода шудаанд.

Давлати Тоҷикистон омодагии худро барои анҷоми ҳама гуна тадобир барои таъмини амнияти шаҳрвандони хориҷӣ дар қаламрави вилояти кӯҳистонии Бадахшон эълом кардааст.

"Сарбозони навмед"

Яке аз масоили мавриди нигаронии ҷиддии ин созмонҳо сарнавишти сарбозони ҷавоне будааст, ки бидуни омодагӣ ва омӯзиши кофӣ дар шароити кӯҳистонӣ ба минтақа эъзом шудаанд.

"Ҳодисаҳои чанд рӯзи охир маълум кард, ки бо роҳи истифода аз артиш ва хушунат ин кор имконпазир нест. Идомаи хушунатҳо метавонад боъиси густариш пайдо намудани бенизомӣ ва эътирозҳо дар манотиқи дигар шавад".

Гурӯҳе аз фарҳангиёни тоҷик

Зимнан, бархе аз сокинони маҳаллӣ дар Хоруғ, ки бо сарбозони ҷавон суҳбат кардаанд, мегӯянд, ки бештари сарбозон ваҳшатзадаву навмед ва ҳатто гурусна ба назар мерасанд.

Бархе аз сарбозон гуфтаанд, ки бори нахуст ба даст аслиҳа гирифтаанд ва аз қабл намедонистанд, ки онҳоро барои анҷоми амалиёти низомӣ ба ин шаҳр бурдаанд .

Мудофеъони ҳуқуқи башар мегӯянд, ки сарфи назар аз эъломи оташбас дар се рӯзи гузашта дар Хоруғ ахбори зидду нақизе аз устони Бадахшон ба даст мерасанд, ки ин амр мумкин аст вазъиятро дар кишвар дар оянда вахимтар созад.

Бо таваҷҷуҳ ба ин, созмонҳои ҷомеъаи маданӣ ва ниҳодҳои мудофеъи ҳуқуқи башари байналмилалӣ аз давлати Тоҷикистон қотеъона хостаанд, ки амалиёти низомӣ дар Хоруғ ва ҳаволии онро дубора оғоз накунад.

Онҳо ҳамчунин аз мақомоти тоҷик тақозо кардаанд, ки иртиботи телефунӣ ва ҳамаи анвоъи дигари иртибототро бо минтақа ва ҳамчунин, дастрасӣ ба сойти Ютюбро, барқарор созанд.

Яке аз тақозоҳои дигари ниҳодҳои мудофеъи ҳуқуқи башар аз давлати Тоҷикистон фароҳам сохтани имкони дастрасии созмонҳои имдодгар барои ироаи кумакҳои башардӯстона ба мардуми маҳаллӣ ва осебдида дар Бадахшон аст.

Дархости риъояти ҳуқуқи башар

Ин созмонҳо ҳамчунин аз мақомоти Тоҷикистон хостаанд, ки дар бораи вазъияти минтақа иттилоъоти фаврӣ ва муҳимро ба мардум расонанд, намояндагони ҷомеъаи маданиро иҷоза диҳанд, ки ба мардуми маҳаллӣ кумак ва вазъиятро арзёбӣ кунанд.



Гурӯҳҳои ҳуқуқи башар аз анҷоми амалиёти низомӣ бидуни огоҳ кардани сокинони Хоруғ аз қабл интиқод кардаанд

Ҳамчунин, аз мақомоти тоҷик тақозо шудааст, ки дар заминаи бозрасӣ ё бозҷӯйии афроди боздоштшуда дар ҷараёни амалиёти Хоруғ риъояти ҳама гуна ҳуқуқи инсонии онҳоро тибқи таъаҳҳудоти байналмилалии давлати Тоҷикистон таъмин созанд.

Аз тақозоҳои дигари созмонҳои ҷомеъаи маданӣ ва мудофеъи ҳуқуқи башар ин аст ,ки давлати Тоҷикистон бояд дастрасии волидону пайвандони сарбозони захмӣ ё кушташуда ва ҳамчунин,

мардуми ғайринизомӣ, ба иттилоъот дар бораи пайвандонашонро фароҳам созанд.

Намояндагони созмонҳои ҷомеъаи маданӣ ва мудофеъи ҳуқуқи башари дохилӣ ва байналмилалӣ ҳамчунин ибрози умедворӣ кардаанд, ки раиси ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳалли муслиматомези буҳрон дар Бадахшон ҳамаи тадобири лозимро бияндешад.

Баёнияи ниҳодҳои мудофеъи ҳуқуқи башар бо имзои дастикам 25 созмон, аз ҷумла Анҷумани ҳуқуқдонҳои ҷавони "Ампаро", Бюрои ҳуқуқи башар, Сандуқи "Нота Бене" ва Маркази дифоъ аз ҳуқуқи башар дар Тоҷикистон ва созмонҳои мушобеҳе аз Русия ,Омрико, Украйн, Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Олбониё, Булғористон ва ғайра мунташир шудааст.

## Эрон: Ҳаводиси Бадахшон бо камтарин хисороти ҷониву молӣ хотима ёбад

Ба рӯз шуда 29 , :Июл соли 10:02 - 2012



Вазорати хориҷаи Эрон аз "кушта ва захмӣ шудани теъдоде аз шаҳрвандони ин кишвар" ибрози таассуф кардааст

**Сухангӯйи Вазорати хориҷаи Эрон изҳори умедворӣ кардааст, ки он чи ӯ "ҳаводиси ахир дар устони Бадахшон" хонд, дар**

**сареътарин замон ва бо камтарин хисороти ҷониву молӣ ба поён бирасад.**

Ба гузориши расонаҳои Эрон, Ромини Меҳмонпараст нисбат ба бурӯзи даргириҳое дар устони Бадахшони Тоҷикистон, ки "кушта ва захмӣ шудани теъдоде аз шаҳрвандони ин кишвар"-ро ба дунбол дошт, ибрози таассуф кардааст.

Ин вокуниш дар сойти расмии Вазорати умури хориҷаи Эрон низ мунташир шудааст.

Пештар сафорати Омрико дар Тоҷикистон, вазорати хориҷаи Русия, Вазорати хориҷаи Чин, Иттиҳодияи Урупо, Созмони Амният ва Ҳамкории Урупо ва ҳамчунин Созмони Милал вокуниш ба ҳаводиси ахир дар вилояти Бадахшон нишон додаанд.

Эътилофе аз ниҳодҳои ҷомеъаи мадании Тоҷикистон ва созмонҳои мудофеъи ҳуқуқи башари байналмилалӣ ба изофаи гурӯҳе аз фарҳангиёну рӯзноманигорони тоҷик, аз ҷумла Муъмин Қаноъат, шоъири саршинос, ва Акбаршоҳ Искандаров, раиси пешини порлумони Тоҷикистон, аз давлати ин кишвар хостаанд, ки амалиёти низомӣ дар устони Бадахшонро мутаваққиф кунад.

Зиманан, баёнияе, ки ба Толиб Айёмбеков нисбат дода мешавад, дар бархе сойтҳо мунташир шуда. Дар ин баёния аз қавли ӯ гуфта мешавад, ки вай омодааст бо мақомоти давлатӣ музокира ва барои таҳқиқи парвандаи Абдулло Назаров ҳамкорӣ кунад.

Дар ин баёния ҳамчунин омадааст, ки марги Женерол Назаров бояд ба таври шаффоф ва бо иштироки коршиносони мустақил аз кившарҳои узви Созмони Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ анҷом ёбад.

Ин дар ҳоле аст, шоҳидони айнӣ мегӯянд, ки худрави Толиб Айёмбековро дар назди яке аз рӯдхонаҳои шаҳри Хоруғ дидаанд.

Дар ин ҳол, ба иттилоъи вазорати умури дохилаи Тоҷикистон, гурӯҳе аз" ҷавонони раҳгумзадаи" минтақаи корхонаи нони шаҳри

Хоруғ шоми дирӯз, шанбеи 28 июл, чанд қабза аслиҳа ва муҳиммоти ҷангии худро ба мақомоти давлатӣ таслим кардаанд.

Дар ин миён, Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон кушта шудани раиси бахши ин ҳизб дар вилояти Бадахшонро таъйид кардааст.



Оқои Айёмбеков дар баёнияи худ мегӯяд, ки омода аст дар таҳқиқи парвандаи Женерол Назаров бо мақомоти двалатӣ ҳамкорӣ кунад

Ба иттилоъи Ҳизби наҳзати исломӣ, Сабзалӣ Мамадризоев рӯзи душанбеи 23 июл дар таҷаммуъи мардум дар маркази Хоруғ ширкат карда ва "дар робита ба вазъи ногувори иқтисодӣ - иҷтимоъии аҳолии ВМКБ изҳори назар кардааст".

Гуфта мешавад, ки пас аз ин иттифоқ мақомҳои интизомӣ ӯро боздошт ва ба қароргоҳе мавсум ба "Қалъа" бурдаанд. Мамадризоев "онҷо мавриди таҳқиру лату кӯб қарор гирифта, баъдан ваҳшиёна тариқи холӣ кардани як тирдон тир ба ҷисми ӯ аз тарафи низомиён кушта ва ҷасадаш берун аз қароргоҳ байни зуболаҳо партофта шудааст".

Ҷасади вай панҷшанбеи 26 июл пайдо ва тадфин шудааст.

Гуфта мешавад, ки вазъият дар шаҳри Хоруғ ором ва оташбас ҳамчунон барқарор аст. Ҳарчанд бештаре аз сокинони шаҳр аз оғози дубораи амалиёт нигаронанд.

Гурӯҳе аз занон дар майдони аслии Хоруғ, муқобили сохтмони ҳукумат, ба таҷаммуъи худ идома доранд ва мунтазири натиҷаи музокирот ҳастанд.

Бештаре аз бозору фурӯшгоҳҳои шаҳр таътиланд ва ба гуфтаи сокинон, фақат бахше аз бозори аслии маводди ғизоӣ дар ҳоли ҳозир фаъъол аст ва шумори зиёде аз сокинони Хоруғ ба хотири вазъияти амниятӣ бештар хонанишиниро ихтиёр мекунанд.

Дар шаҳр ва рустоҳои наздик ба он, ки шуморе аз сокинони Хоруғ, умдатан занону кӯдакон, он ҷо паноҳ бурдаанд, камбуди маводди ғизоӣ ҳамчунон эҳсос мешавад.

Дар ҳоли ҳозир иртибот бо телефунҳои собит дар Хоруғ барқарор аст, аммо телефунҳои ҳамроҳ ҳамчунон ғайрифаъъоланд.



Гурӯҳҳои ҳуқуқи башар аз анҷоми амалиёти низомӣ бидуни огоҳ кардани сокинони Хоруғ аз қабл интиқод кардаанд

Мудофеъони ҳуқуқи башар дар баёнияи дирӯзи худ аз мақомоти тоҷик тақозо кардаанд, ки иртиботи телефунӣ ва ҳамаи анвоъи дигари иртибототро бо минтақа ва ҳамчунин, дастрасӣ ба сойти Ютюбро, барқарор созанд.

Бархе аз сокинони маҳаллӣ дар Хоруғ, ки бо сарбозони ҷавон суҳбат кардаанд ,мегӯянд, ки бештари сарбозон ваҳшатзадаву навмед ва ҳатто гурусна ба назар мерасанд.

Бархе аз сарбозон гуфтаанд, ки бори нахуст ба даст аслиҳа гирифтаанд ва аз қабл намедонистанд, ки онҳоро барои анҷоми амалиёти низомӣ ба ин шаҳр бурдаанд.

Яке аз тақозоҳои дигари ниҳодҳои мудофеъи ҳуқуқи башар аз давлати Тоҷикистон фароҳам сохтани имкони дастрасии созмонҳои имдодгар барои ироаи кумакҳои башардӯстона ба мардуми маҳаллӣ ва осебдида дар Бадахшон аст.

## Интишори "баёнияи Толиб Айёмбеков", аз фармондеҳони мухолиф дар Бадахшон

Ба рӯз шуда 29 ,  :Июл соли  11:57 - 2012



Даргирии нерӯҳои давлат бо гурӯҳҳои мусаллаҳи мухолиф дар вилояти Бадахшон Тоҷикистонро бори дигар дар маркази таваҷҷуҳи расонаҳо қарор дод.

**Сойтҳои умдатан русзабон матни баёнияеро мунташир кардаанд, ки ба Толиб Айёмбеков, аз раҳбарони мухолифини мусаллаҳи давлат дар вилояти Бадахшони Тоҷикистон мансуб дониста мешавад.**

Дар ин баёния гузориш шудааст, ки оқои Айёмбеков барои анҷоми музокирот ва тадобири таҳқиқотии қатли Абдулло Назаров, раиси пешини идораи амнияти вилояти Бадахшон омодааст аммо барои шаффофияти таҳқиқот меҳоҳад коршиносони Созмони Паймони

Амнияти Дастҷамъӣ низ шомили гурӯҳи таҳқиқот бошанд. Ин созмон аз ҷумлаи созмонҳое аст, ки дар он Русия накши калидӣ дорад.

Давлати Тоҷикистон оқои Айёмбековро дар қатли раиси собиқи амнияти вилояти Бадахшон муттаҳам мекунад, аммо ӯ ин иттиҳомро рад кардааст.

Қаблан гузоришҳое мунташир шуда буд, ки оқои Аёмбеков қаламрави вилоятро тарк карда ва ба Афғонистон рафтааст.

Абдулло Назаров, раиси бахши амнияти вилояти Бадахшон ба таърихи 21 июл дар шароите машкук аз суи афроди мусаллаҳ кушта шуд, давлати Тоҷикистон билофосила эълом дошт, ки ӯ ба дасти афроди наздик ба Толиб Айёмбеков, муъовини раиси идораи марзбонии ноҳияи Ишкошим ва аз фармондеҳони мухолифини умдатан исломии давлат дар замони ҷанги дохилӣ кушта шудааст.

Дар ин баёния амалиёти нерӯҳои давлат дар ин устон наслкушии "мардуми помирӣ "хонда шудааст. Агарчи дар аксари гузоришҳои расонаӣ чӣ дар Русия ва чӣ дар Тоҷикистон мардуми Бадахшон бар миллият ва қавми худ ба унвони тоҷик таъкид кардаанд, дар бархе аз расонаҳои русӣ аз мардуми Бадахшон "помирӣ" ном бурда шудааст.

Нашри баёнияи мансуб ба оқои Айёмбеков дар ҳоле сурат мегирад, ки сойти хабаргузории "AsiaPlus", ки хабарнигори он дар шаҳри Хоруғ, маркази вилояти Бадахшон қарор дорад, гузориш додааст ки ду рӯзе қабл мошини мутааллиқ ба оқои Айёмбеков дар маҳҳалли Шохдара дар рӯдхона ғарқ шудааст ва дар ин мошини ғарқшуда нишонаҳои хун дида мешавад.

Мардуми маҳаллӣ мегӯяд эҳтимолан оқои Айёбеков ғарқ шудааст.

Ҳамчунин хабарнигори ин хабаргузорӣ аз шаҳри Хоруғ гузориш додааст, ки яке аз гурӯҳҳои мусаллаҳи мухолифи давлат ба таслими аслиҳаи худ оғоз кардааст, аммо ҷузъиёти дигаре дар ин бора гузориш нашудааст.

Ин хабаргузорӣ мегӯяд музокирот миёни мухолифини мусаллаҳ ва ҷониби давлат идома дорад ва Ёдгор Мамадасламов, яке аз раҳбарони мухолифини мусаллаҳ хостори идомаи оташбас барои 24 соъати дигар шудааст.

Дарёфти иттилоъ аз мақомоти расмӣ дар бораи вазъ дар Бадахшон барои хабарнигорон мушкил аст.

Афроди мусаллаҳи мухолиф дар вилояти Бадахшонро давлати Тоҷикистон қонуншикан ва табаҳкор муаррифӣ кардааст. Созмонҳои сиёсии Тоҷикистон аз давлат хостаанд буҳрони Бадахшонро бидуни тавассул ба нерӯ ҳал кунад ва ба амалиёти низомӣ дар ин минтақа поён диҳад.

Ҳамчунин Омрико ва созмонҳои баёналмиллалӣ хостори риъояти ҳуқуқи башар дар робита ба бархурди давлат бо ҳаводис дар Бадахон шудаанд. Чин аз иқдоми давлати Тоҷикистон барои ҳалли буҳрон дар ин вилоят пуштибонӣ кардааст.

Бархе аз коршиносон гуфтаанд, ки давлати Тоҷикистон бо баҳонаи дастгир кардани омилони қатли оқои Назаров мехоҳад нуфузи худ дар вилояти Бадахшонро, ки маҳалли нуфузи гурӯҳҳои ғайрирасмӣ буда тақвият кунад, минтақае ки аз лиҳози роҳбурдӣ ҳассос маҳсуб мешавад.

## Ҳимояти 'аъзои собиқи' Ҷабҳаи халқ аз амалиёти Хоруғ

Ба рӯз шуда :Сешанбе, 31 Июл соли 2012 - 11:55



Баёнияе, ки ба аъзои собиқи Ҷабҳаи халқ нисбат дода мешавад, ба ҳаводиси шаҳри Хоруғ рабт мегирад

**Гурӯҳе, ки худро аъзои собиқи Ҷабҳаи халқ ё Фронти халқии Тоҷикистон муъаррифӣ карда, бо пахши баёнияе ҳимояти худ аз амалиёти низомӣ дар Бадахшонро иброз доштааст.**

Дар ин баёния, ки рӯзи сешанбеи 31 июл дар бархе аз сойтҳои интернетӣ, аз ҷумла дар сойти "Тоҷмигрант.ком" мунташир шуда, ибрози умедворӣ шудааст, ки мақомот "роҳҳои дастгир ё нест кардани" афроди мусаллаҳи мухолифи давлатро пайдо мекунанд.

Ин гурӯҳ ҳамчунин аз афроди мусаллаҳи мухолифи давлат дар Бадахшон ба унвони" дастаи муташаккили ҷиноӣ", "тӯдаи авбош" ва "буздилони тарсу" ном бурда ва ҳушдор додааст, ки дар сурати зарурат аъзои собиқи Ҷабҳаи халқ омодаанд "ба хотири ҳифзи арзишҳои миллӣ, амнияту субот, якпорчагию Ваҳдати Тоҷикистони азиз "бархезанд.

Дар ин баёния аз ҷумла омадааст, ки афроди мусаллаҳи мухолифи давлат дар Бадахшон "пушти занони муштипар ва кӯдакони маъсум паноҳ буда" ва "онҳоро ба сипари зинда табдил дода" ва мехоҳанд аз масъулият барои аъмоли "ҷиноияшон" сар боз зананд.

Гурӯҳи муддаъӣ ба узвият дар Ҷабҳаи Халқ шибҳинизомиёни мухолифи давлатро ба" роҳзанию қочоқ, одамрабоӣ ва қатли одамони бегуноҳ, лату кӯби шаҳрвандон" ва беш аз ин, ба "терури ваҳшиёнаи" женерол Абдулло Назаров, раиси бахши амният дар Бадахшон, муттаҳам кардааст.

Баёнияи ин гурӯҳ бо беш аз 140 имзо мунташир шуда ва зери он асомии шахсиятҳое монанди Исмоилов Н.К., Шарипов Ш. Ҳ., Саидов К.Л., Набиев Х.Р ,.Шафиев С.П., Каримов Ф.Х. ва Мӯрчаев Н.Д., ки чандон шинохташуда нестанд, ба назар мерасад.

Дар баёния омадааст: “Мо, аъзои Фронти халқӣ, ҳаргиз нахоҳем гузошт, ки дасти душмани кӯрдилу кӯтоҳбини дохилию хориҷии тоҷику тоҷикистонӣ бо нияти хушк намудан ҷониби ин ниҳол ёзад, мо ҳеч таъаррузеро ба якпорчагии Тоҷикистони азизамон таҳаммул нахоҳем кард ва агар зарурат пеш ояд, омода ҳастем, ки ба хотири

ҳифзи арзишҳои миллӣ, амнияту субот, якпорчагию ваҳдати Тоҷикистони азиз бори дигар бархезем”.

Ин гурӯҳ ҳамчунин ҳимояти худро аз сиёсатҳои Эмомалӣ Раҳмон, раиси ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ду даҳа пеш бо пуштибонии Ҷабҳаи халқ ба қудрат расид, иброз доштааст.

Зимнан, маълум нест, ки пахши ин баёния ба ибтикори чи касоне сурат гирифта ,вале Исмоъил Иброҳимов, раиси пешини Ҷабҳаи халқи Тоҷикистон дар замони ҷанги дохлиӣ, ба Би-би-сӣ гуфт, ки ба далели беморӣ дар таҳияи ин баёния ширкат надошта, аммо бо мӯҳтавои он мувофиқ аст.

Ба гуфтаи оқои Иброҳимов, ҳушдори аъзои пешини Ҷабҳаи халқ ба гурӯҳҳои мусаллаҳи ғайриқонунӣ дар Бадахшон марбут мешавад, ки "ба ваҳдату оромии кишвар халал ворид мекунанд".

Ӯ гуфт: “Мардуми Помир мардуми мо ҳастанд. Онҳо низ ҷангу нооромиро намехоҳанд, ба ҳаёти осоишта машғуланд. Гурӯҳҳои ҷинояткор вазъиятро ноором кардаанд”.

Дар ҳамин ҳол, Қувваталӣ Муродов, раҳбари бахши беҳдоштии Ҷабҳаи халқи Тоҷикистон, дар мавриди пахши баёнияи аъзои пешини ин ниҳод ибрози беиттилоъӣ карда ва гуфт, ки аъзои пешини Ҷабҳаи халқ ҳеч гоҳ алайҳи мардуми худ силоҳ намегиранд.

Ӯ гуфт: “Мо танҳо бар зидди душманони хориҷӣ, ки ба хоки Тоҷикистон ҳамла мекунанд, бармехезем”.



Оқои Усмон гуфт, ки давлати Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти амниятӣ ниёз ба афроди собиқи Фронти халқӣ надорад

Давлат Усмон, раиси пешини Ситоди нерӯҳои мухолифини давлати Тоҷикистон, ба навбаи худ пахши чунин баёнияеро навъе иғвоангезӣ хонд, ки ба манзури нооромсохтани вазъи Тоҷикистон мунташир шудааст.

Ӯ гуфт: “Давлати Тоҷикистон давлати солҳои 1992-1993 нест, нерӯманд аст .Ниҳодҳои босалоҳияту қудратманд дошта ва дар ҳалли мушкилоти амниятӣ ниёз ба афроди собиқи Фронти халқӣ надорад”.

Оқои Усмон гуфт, ки дар шароити феълӣ Тоҷикистон ба иқдомҳои эволютсиюнӣ) такомулӣ) ниёз дорад, на интиқолӣ. Бояд ҳамаи мушкилоти ҷомеъа аз роҳи ислоҳоту навсозӣ ислоҳ шавад, на аз тариқи ҷангу даргирӣ.

Зимнан, аъзои гурӯҳҳои мусаллаҳ дар вилояти Бадахшон дар замони ҷанги дохилии Тоҷикистон дар даҳаи 1990 дар сufуфи Иттиҳоди мухолифон алайҳи нерӯҳои давлат сангар гирифта буданд.

Ҷабҳаи халқи Тоҷикистон дар соли 1992 таъсис шуд ва дар ҷангҳо алайҳи мухолифон ширкат дошт. Ин гурӯҳ дар ба қудрат расидани давлати Эмомалӣ Раҳмон нақши калидӣ бозид. Дар моҳи феврали соли 1993 Ҷабҳаи халқ мунҳал шуда ва дар пояи он Артиши миллӣ таъсис ёфт.

Сангак Сафаров ва Файзалӣ Саидов, фармондеҳони шинохтаи Ҷабҳаи халқ, дар як ҳодиса дар соли 1993 кушта шуданд. Фармондеҳони дигар, назири Ғаффор Мирзоев ва Ёқуб Салимов, баъдан барои муддатҳои тӯлонӣ ба зиндон маҳкум шуданд. Хӯҷа Каримов аз кишвар фирор кард.

Ахиран талошҳое барои эҳёи Ҷабҳаи халқ сурат гирифта ва дар моҳи майи соли ҷорӣ дар бораи таъсиси ниҳоде бо номи “Фронти халқии бидуни силоҳ” хабарҳое мунташир шуд.

Қувваталӣ Муродов, раҳбари пешини бахши беҳдошти Ҷабҳаи халқи Тоҷикистон, ки аз муассисони ин ниҳод маҳсуб мешавад, ҳадаф аз ин корро “муттаҳид кардани размандагони собиқи тарафҳои даргири ҷанги дохилии Тоҷикистон” унвон карда буд.

Аммо гуфта мешавад, ки ин ибтикор аз ҷониби размандагони пешини Ҷабҳаи халқ ва Иттиҳоди мухолифон пуштибонӣ наёфта ва “Фронти халқии бидуни силоҳ” низ дар Вазорати адлияи Тоҷикистон ҳануз сабти ном нашудааст.